# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобоева Барноҷон Рауфовна дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10–Рӯзноманигорӣ**

Матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ яке аз самтҳои муҳими журналистика маҳсуб мешаванд, зеро дар ин типи матбуоти даврӣ, на танҳо, масоили сиёсӣ баррасӣ мешаванд, балки он дар таҳкими фазои хуб барои озодии сухан ва истиқлоли фикр замина фароҳам меорад. Матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ дар баробари ташвиқгари сиёсати ҳизбҳои ҷудогона будан, баррасикунандаи масъалаҳои мухталифи ҷомеа ва таҳлилу интиқоди афкору ақидаҳои намояндагони ҳизбҳои гуногун низ мебошанд. Дар инъикоси масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ доир ба нашрияҳои ҳизбӣ метавон даҳҳо диссертатсияву монографияҳо навишт. Пажӯҳиши илмии муҳаққиқи ҷавон Бобоева Барноҷон таҳти унвони “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, ки маҳз ба ин мавзӯъ бахшида шудааст, шоистаи дастгирист.

Аз автореферати диссертант Бобоева Барноҷон маълум мегардад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муққаддима дар бораи аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқот, методология ва асосҳои назариявии таҳқиқот, арзиши назариву амалии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия муназзам сухан меравад.

Боби аввали диссертатсия “Таъсис ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол” унвон дошта, аз ду фасл - “Низоми бисёрҳизбӣ ва тарғиби ғояҳои он дар Тоҷикистон” ва “Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон” иборат

мебошад. Дар фасли аввал моҳияти низоми ҳизбӣ, усулҳои таъсири байниҳамӣ, рақобати ҳизбҳо дар мубориза барои ҳокимият, амалигардонии мақсадҳо ва дарки равандҳои сиёсӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина, муҳаққиқ бамаврид таъкид мекунад, ки "Ҳизбҳои сиёсӣ байни унсурҳои дигари сохтори сиёсии ҷомеа мавқеи хос дошта, дар танзими равандҳо ва муносибатҳои сиёсии байни одамон, давлат ва ҷомеа саҳми беандоза доранд. Маълум аст, ки одамон ҳамчун гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ мақсаду ҳадафҳои мухталифи сиёсӣ доранд ва барои ба он ноил гардидан аз шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои сиёсию ҷамъиятӣ истифода менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд". Дар фасли дуюми боби якум диссертант перомуни таъсис ва ташаккули нашрияҳои «Чароғи рӯз», ҳаракати мардумии «Растохез», нашрияи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон «Нидои ранҷбар», «Эътиқод», нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Минбари халқ», «Сухани халқ», нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон «Адолат», нашрияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон «Меҳргон», нашрияи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон «Иттиҳод» таҳқиқот бурда, ба маълумот ва натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Боби дуюми диссертатсия "Тарғиб ва ташвиқи ғояҳои ҳизбӣ дар матбуоти аҳзоби сиёсӣ" унвон дошта, аз фаслҳои "Нақши рӯзномаҳои ҲХДТ дар инъикоси ғояҳои иҷтимоии замони муосир" ва "Шеваи таблиғи ғояҳои барномавии ҳизбҳои ҷудогона дар нашрияҳои даврӣ" иборат мебошад. Дар боби мазкур сохтор ва мундариҷаи рӯзномаҳои ҳизбӣ таҳқиқ ва мавқеи онҳо дар таҷассуми масоили сиёсиву иҷтимоӣ муайян карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Вижагиҳои мавзӯиву жанрии нашрияҳои ҳизбӣ" номгузорӣ шуда, фаслҳои "Инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа дар контексти жанрҳои публитсистӣ" ва "Таҳлили таносубии истифодаи жанрҳои публитсистӣ"-ро дар бар мегирад. Муҳаққиқи ҷавон дар боби

сеюм ба таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои мавзӯӣ ва жанрии нашриёҳои ҳизбии «Минбари халқ», «Коммунисти Тоҷикистон», «Адолат» ва «Меҳргон» кӯшида, ба хулосаҳои мушаххас расидааст. Дар ин боб, асосан ба мавқеи рӯзномаҳои мазкур дар инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа ва роҳу усулҳои истифодаи қолабҳои жанрӣ эътибор дода шудааст.

Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ дар раванди омӯзиш ва таҳлили матбуоти ҳизбӣ аз усули таҳлили муқоисавӣ истифода карда, маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъоварию таҳлил намудан ва хулосабарории аз диди назариявию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон додааст. Ҳар як фасл ва боб бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба анҷом расида, аз риояи талаботи асосии навиштани диссертатсияи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар хулосаи умумӣ бошад, муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 6 банд ҷамъбаст кардааст, ки дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ буда, ҳар яке аз ин бандҳо дар умум, хулосаи комили диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Бобоева Барноҷон Рауфовна бо услуби хоси баён, тарзи дурусти истифодаи иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳои таҳқиқотӣ илмӣ таълиф гардидааст.

Дар баробари арзишҳои илмию амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Бахши “Асосҳои методӣ ва методологияи диссертатсия” назария ва таҷрибаи таҳқиқоти зиёда аз 11 олимони ватаниву хориҷиро ташкил медиҳад, ки муаллиф номҳои онҳоро пурра овардааст, аммо сарчашмаҳо дар поварақ ишора нашудаанд (с.7).
2. Дар автореферат хатоҳои зиёди имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 11,13,17,18,19,21,24,25 ба чашм мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор аст.

3. Диссертант тарзи навишти дуруст ва ягонаи ному насаби олимонро дар автореферат ва диссертатсия руйи кор мегирифт, хуб мебуд.

Бо вуҷуди ин норасоиҳои ҷузъӣ автореферати диссертатсияи Бобоева Барноҷон Рауфовна бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар мавзӯи "Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол" ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10–Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи таблиғот ва иттилоотӣ
Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии
Тоҷикистон дар вилояти Суғд — Бобоҷонова Мутриба Султоновна

Имзои н.и.ф. Бобоҷонова
Мутриба Султоновнаро
тасдиқ менамоям:
Роҳбари дастгоҳ - мудири
шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии
Тоҷикистон дар вилояти Суғд — Исматҷонов Бахтиёр Ҳусейнович

Суроға:
735700, ҶумҳурииТоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Фирдавсӣ 118,
e-mail: hhdt-sugd@mail.ru
www. hhdt-sugd.tj
тел: (+992) 8342260857